**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография.**

*01 июли соли 2026* *ш. Душанбе*

Комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар ҳайати: Раҷабов Р.К., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – раиси комиссия; Дустбоев Ш., доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор – узви комиссия; Машокиров Ҷ.Н., номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент – узви комиссия, мутобиқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), дар асоси экспертизаи диссертатсия ва шиносоӣ бо маводҳои пешниҳодшудаи парвандаи аттестатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Зарифзода Моҳира Зариф **хулосаи** зеринро қабул намуд:

***I. Маълумот оид ба довталаби дараҷаи илмӣ***

Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Зарифзода Моҳира Зариф ба талаботи барои ҳимоя иҷозат додани диссертатсия аз рӯйи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267), мувофиқат мекунад.

Зарифзода Моҳира Зариф соли 2017 ихтисоси танзими давлатии иқтисоди миллии факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Зарифзода Моҳира Зариф 27 июни соли 1988 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Миллаташ тоҷик мебошад.Соли 2017 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси иқтисодчӣ-менеҷер хатм намудааст. Забонҳои русӣ ва англисиро дар сатҳи луғат медонад.Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2005 оғоз намуда, солҳои 2005–2017 донишҷӯи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд. Аз соли 2018 ба ҳайси коргузори садорати факултети муштараки Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо муассисаи таҳсилоти олии Беларус фаъолият намудааст.

Аз моҳи марти соли 2023 то моҳи сентябри соли 2024 дар вазифаи мутахассиси бахши кор бо духтарон ва занони шуъбаи тарбияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор кардааст. Аз 2 сентябри соли 2024 ҳамчун ассистенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва баҳисобгирии иқтисодии факултети иқтисод ва

идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият намудааст. Аз 12 марти соли 2024 то имрӯз дар вазифаи сармутахассиси раёсати таълими Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад. Барои фаъолияти пурсамар ва саҳми арзанда дар иҷрои вазифаҳои хизматӣ бо Ифтихорномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ифтихорномаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ифтихорномаи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мукофотҳои соҳавӣ сарфароз гардидааст. Оиладор буда, соҳиби се фарзанд мебошад.

Мавзуи диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар асоси қарори шурои олимони факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 18.03.2023, №10 тасдиқ гардидааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ, шаҳодатнома оид ба супоридани имтиҳонҳои номзадӣ мавҷуд аст.Имтиҳонҳои минимуми номзадиро аз фанни таърих ва фалсафаи илм дар таърихи 25.09.2024 бо баҳои 4 «хуб», аз фанни забони хориҷӣ дар таърихи 15.12.2023 бо баҳои 4 «хуб» ва имтиҳон аз тахассусро дар таърихи 07.05.2025 бо баҳои 5 «аъло» супоридааст.

Дар парвандаи аттестатсионӣ рӯйхати корҳои илмӣ мавҷуданд, ки онҳо ба мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ дахл дошта, бо шумораи 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Роҳбари илмӣ, муовини ректор оид ба корҳои тарбиявии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисоди миллӣ ва бехатарии иқтисодӣ Маҷидзода Давлатбахт Маҷид маҳсуб меёбад.

Аз рӯйи натиҷаҳои муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

***II. Мутобиқати мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба ихтисоси илмӣ***

Диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои дар таҳқиқот аз ҷониби муаллиф бадастоварда ба бандҳои шиносномаи ихтисоси зикршуда мутобиқат мекунад. Натиҷаҳои диссертатсия дорои аҳаммияти илмию амалӣ буда, ба рушди илми иқтисодӣ саҳм хоҳанд гузошт.

### *III. Пешниҳоди пурраи маводҳои диссертатсия дар корҳое, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ интишор шудаанд*

Муқаррароти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия дар 10 кори илмӣ, аз он ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз он ҷумла 3 мақола дар алоҳидагӣ нашр гардидаанд, ки ба талаботи банди 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунанд.

Маълумот оид ба интишороти асосии пешниҳоднамудаи довталаб, ки дар онҳо натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия нашр шудаанд, саҳеҳ ва боэътимод мебошанд.

### *IV. Маълумот оид ба асолати матни диссертатсия ва автореферати он, мавҷуд набудани иқтибосҳо носаҳеҳ*

Дараҷаи асолати матни автореферати пешниҳодгашта ба талаботи муқарраршуда ҷавобгӯй мебошад. Иқтибосҳо саҳеҳ оварда шудаанд; маводи шахсони дигар, ки бидуни нишон додани иқтибос ба муаллиф ва ё сарчашма истифода шудаанд, ошкор нагардид; корҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳаммуаллифӣ иҷро шудаанд, бидуни овардани иқтибос ба ҳаммуаллиф, мавҷуд нестанд.

### *V. Комиссия пешниҳод менамояд:*

1. Диссертатсияи Зарифзода Моҳира Зариф дар мавзуи «Самтҳои асосии мукаммалсозии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ – меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.14 – Иқтисодиёти меҳнат ва демография, ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Ба ҳайси муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

– Самандарзода Искандар Ҳусейн - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи таҳлили иқтисодӣ ва омори Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шотемур;

– Рустамзода Фитрат Музафар - номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъин карда шавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Нашр ва паҳнкунии автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯйхати ташкилотҳое, ки автореферати диссертатсия бояд тавзеъ гардад, тасдиқ карда шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Раҷабов Р.К.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
д.и.и., профессор Дустбоев Ш.

н.и.и., дотсент Машокиров Ҷ.Н.

*Имзоҳои комиссияи экспертиро тасдиқ менамоям:*

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Машокиров Ҷ.Н.